# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 411/32 ш. Душанбе

Дар бораи ташкили ҳимояи якдафъаина

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270, бандҳои 124 ва 125 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Барои ташкили ҳимояи якдафъаинаи диссертатсияи Раҳимов Манучеҳр Фарҳодович дар мавзуи «Моделсозии математикии системаи зеҳнии гардиши санадҳо дар асоси архитектураи микросервисӣ ва механизмҳои нейрошабакавии BERT» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика) дар заминаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-105 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

2. Барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина ба аъзои зерини шуро аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика) ваколат дода шавад:

- Қаландарбеков Имомёрбек, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика);
- Қосимов Исмоил Латипович, номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика);
- Нарзуллоев Сайдаҳмад, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика);
- Саидзода Исроил Маҳмад, доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика).

3. Ба ҳайати шуро барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика) мутахассисони зерин бо овози ҳалкунанда ворид карда шаванд:

- Худойбердиев Хуршед Атохонович, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика);

- Умарализода Раҷаб Шамс, номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика).

4. Ҳайати шурои диссертатсионии 6D.KOA-105 дар ҳимояи мазкур 9 нафар ҳисобида шавад (ҳайат замима мегардад).

5. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

Раис КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НУСХАИ БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ Сайфиддин Давлатзода

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «02» 11 соли 2026, № 412/52

# ҲАЙАТИ

шурои диссертатсионӣ оид ба гузаронидани ҳимояи якдафъаинаи диссертатсияи Раҳимов Манучеҳр Фарҳодович дар мавзуи «Моделсозии математикии системаи зеҳнии гардиши санадҳо дар асоси архитектураи микросервисӣ ва механизмҳои нейрошабакавии BERT» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика)

| № | Насаб, ном ва номи падар | Вазифа ва дараҷаи илмӣ бо нишон додани рамз ва номи ихтисос |
|---|---|---|
| 1. | Комилиён Файзалӣ Саъдулло | раиси шуро, доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 6D070502 - Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо |
| 2. | Шерзода Нурмаҳмад | муовини раиси шуро, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D070201-Таҳлили системавӣ, идоракунӣ ва коркарди иттилоот |
| 3. | Садуллоев Роҳатулло Изатуллоевич | котиби илмии шуро, номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 6D070502 - Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо |
| 4. | Умарализода Раҷаб Шамс | узви шуро, номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060202-Асосҳои назариявии информатика |
| 5. | Худойбердиев Хуршед Атохонович | узви шуро, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060202 Асосҳои назариявии информатика |
| 6. | Нарзуллоев Сайдаҳмад | узви шуро, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060202-Асосҳои назариявии информатика |
| 7. | Қаландарбеков Имомёрбек | узви шуро, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060200-Информатика (6D060202-Асосҳои назариявии информатика) |
| 8. | Қосимов Исмоил Латипович | узви шуро, номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060202-Асосҳои назариявии информатика |
| 9. | Саидзода Исроил Маҳмад | узви шуро, доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 6D060202-Асосҳои назариявии информатика |